**ТАҚРИЗИ**

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Палавонов Амоншо Муминович дар мавзуи «Баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)

Дар шароити кунунии низоми таҳсилоти ҷаҳонӣ, татбиқи технологияҳои инноватсионии таълимӣ дар ҷараёни таълим ва истифодаи пурсамар аз воситаҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди дарсҳо, пеш аз ҳама, дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ мавқеи ба худ хосро касб кардаанд. Роҳандозии технологияҳои инноватсионӣ дар низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ имконият медиҳад, ки хусусияти ба амалия нигаронидашудаи таълими хонандагон такмилу таҷдид ёфта, масирҳои ояндадори таълим бо дарназардошти ҷанбаҳои фардикунони таҳсилот таҳия карда шаванд. Зеро, ингуна технологияҳо боиси баланд бардоштани самаранокӣ ва натиҷаоварии раванди ташаккул ва рушди донишҳои назариявӣ, малакаю маҳоратҳои амалӣ ва салоҳиятҳои асосии хонандагон аз фанҳои таълимӣ, аз ҷумла, аз доираи фанҳои ҷамъиятию гуманитарӣ мегарданд.

Истифодаи технологияҳои инноватсионии таълимӣ дар раванди тадриси фанҳои ҷамъиятию гуманитарӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ, ба хусус дар дарсҳои фанни «Таърихи халқи тоҷик» имкон медиҳад, ки ҳавасмандии хонандагон ба омӯзиши таърихи халқи тоҷик бештар, доираи аёнияти маводи таълимӣ васеътар ва иштироки хонандагон дар дарсҳо фаъолтар гардонида шавад. Кори бонизом дар самти татбиқи технологияҳои муосири инноватсионӣ ва унсурҳои онҳо дар раванди таълим ба он оварда мерасонад, ки дараҷаи дарсазхудкунии хонандагон аз фанни таълимӣ баланд шуда, фаъолнокии онҳо барои иштирок дар чорабиниҳои гуногуни илмию таълимӣ, аз қабили озмуну викторинаҳо, олимпиадаҳо ва конференсияҳо бештар мегарданд.

Унвонҷӯ Палавонов А. М. зимни иҷрои корҳои таҳқиқотӣ ва таҳияи диссертатсияи худ масъалаҳои марбут ба истифода бурдан аз технологияҳои инноватсионии педагогӣ ва воситаҳои муосири технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар дарсҳои «Таърихи халқи тоҷик»-ро ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии раванди таълими ин фан мавриди пажӯҳиш қарор додааст.

**1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Мавзуъ, мундарича ва муҳтавои диссертатсияи Палавонов А. М. дар мавзуи «Баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ» ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мутобиқат мекунад: *банди 1* – Методологияи таҳқиқотҳои педагогӣ (равишҳои таҳқиқотӣ дар рушди илми педагогика, ҳамбастагӣ ва ҳудудҳои татбиқпазирии онҳо; усулҳои таҳқиқотҳои педагогӣ), *банди 4* – Назария ва консепсияҳои таълим (навъ ва амсилаҳои таълим, ҳудудҳои татбиқпазирии онҳо; технологияҳои таълимӣ), *банди 6* –Консепсияҳои таҳсилот (сифати таҳсилот ва технологияҳои арзёбии он; технологияҳои эҷод ва рушди муҳити таҳсилотӣ; равандҳои инноватсионӣ дар таҳсилот) ва *банди 7* – Педагогикаи амалӣ (ҷамъбасти таҷрибаи педагогии пешқадам; ҳаракати инноватсионӣ дар таҳсилот; фаъолияти озмоишию таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ).

**2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Бо дарназардошти яке аз вижагиҳои асосии ҷомеаи муосир ба ҳисоб рафтани тағйирпазирӣ ва таҷдиди пайваста, барои таъмини рушди босуботи ҳамаи соҳаҳои ҳаёту фаъолияти инсон, аз ҷумла соҳаи маориф, роҳандозии навовариҳо (инноватсияҳо) тақозои замон аст. Навовариҳо дар соҳаи маориф заминаҳои такмилу таҷдиди ҷомеаи ватанӣ ва ҷаҳониро ташкил медиҳанд. Тамоюлҳои имрӯза дар самти рушди низоми таҳсилот асосан нақши назарраси технологияҳои инноватсионии таълимӣ ва воситаҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсиониро дар раванди таълим инъикос мекунанд. Зеро, истифода аз ин технологияҳо дар раванди таълиму тарбия, дар такмил ва таҷдиди низоми таҳсилот, пеш аз ҳама, афзоиши самаранокии ҷараёни таълим, нақши муҳиму аввалиндараҷаро мебозад. Аз ин рӯ, технологияҳои инноватсионии таълимиро метавон ҳамчун як шохаи мустақили илми педагогика муаррифӣ кард, ки он ба омӯзиши амиқи роҳу равиш ва усулҳои нави такмилу таҷдиди раванди таҳсилот бо истифода аз воситаҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ машғул аст.

Мавзуи рисолаи илмии унвонҷӯ Палавонов А. М., ки ба масъалаи баланд бардоштани самаранокии таълими фанни «Таърихи халқи тоҷик» дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ бо истифода аз технологияҳои

инноватсионии таълимӣ бахшида шудааст, дар қатори масъалаҳои дигари ба баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот алоқаманд, аз қабили ташаккули низоми ягонаи истифодаи технологияҳои муосири таълимӣ, татбиқи воситаҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди таълим, тавсеаи самтҳои инноватсионии такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии омӯзгорон, ба ҳадафҳои равандиислоҳоти низоми маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, ҳамчун яке аз масъалаҳои илмии ҳалталаби педагогикаи муосир мавзуи мубрами таҳқиқотӣ ба ҳисоб меравад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Зимни гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ унвонҷӯ Палавонов А. М. навгониҳои илмии зеринро ба даст овардааст:

– роҳу равиш ва усулу воситаҳои мусоид барои такмили малака ва маҳоратҳои омӯзорони фанни «Таърихи халқи тоҷик» ҳангоми роҳандозии технологияҳои инноватсионии таълимӣ дар раванди дарсҳо бори аввал дар шароити муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ мавриди пажӯҳиш қарор дода шудааст;
– усулҳои нави тақвият бахшидани фаъолияти омӯзгорони фанни «Таърихи халқи тоҷик»-и муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ зимни истифода бурдан аз технологияҳои инноватсионии таълимӣ дар раванди таълим муайян карда шуданд;
– дар натиҷаи гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ, ҷой доштани бартариҳо дар истифодаи технологияҳои инноватсионии таълимӣ дар дарсҳои «Таърихи халқи тоҷик» нисбат ба усулҳои анъанавии таълимӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ исбот карда шудааст.

Дар қатори навгониҳои илмии бадастовардаи унвонҷӯ, мавқеи илмии ӯро нуктаҳои зерини ба ҳимоя пешниҳодшаванда баён месозанд, ки мазмуни асосӣ ва моҳияти мантиқии диссертатсияро инъикос карда, натиҷаҳои бадастовардаи муҳаққиқро муаррифӣ менамоянд:

1. Амсилаи татбиқи роҳу усулҳои инноватсионии таълимӣ, ки муҳтавои асосии он фаъолияти омӯзишии хонандагонро дарбар гирифта, ба ташаккули истеъдоди онҳо нигаронида шудааст, пешниҳод гардидааст.

2. Истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ дар раванди таълими муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ (инчунин, миёна ва олии касбӣ)

нақши муҳим дошта, ба инкишофи тафаккури илмӣ-эҷодӣ ва ташаккули арзишҳои инсондӯстию меҳанпарастии омӯзандагон заминаҳои боэътимод мегузорад.

3. Технологияҳои инноватсионии таълимӣ на танҳо имкони такмилу таҷдиди низоми таҳсилотро доранд, балки қобилияти таъсис додани шароитҳои навро барои омӯзандагон дар самти донишандӯзӣ ва соҳибшавии малакаю маҳоратҳои амалӣ соҳибанд.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Дараҷаи асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифода аз заминаҳои методологӣ ва омӯзишу баррасии сарчашмаҳои илмии ба мавзуи таҳқиқот алоқаманд, инчунин пажӯҳиши ҷабҳаҳои гуногуни мавзуи диссертатсионӣ таъмин карда шудааст. Кори таҳқиқотӣ дар чаҳорчӯбаи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Точикистон оид ба «Шаклу усулҳои инноватсионии таълим дар асоси талаботи муносибати босалоҳият ба таълим дар шароити муосир» анҷом дода шудааст. Зимни гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ дар як қатор муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ (муассисаҳои мавриди пажӯҳиш) бошад, самаранокии натиҷаҳои таҳқиқот исботи хешро ёфтаанд.

Натиҷаҳои илмие, ки унвонҷӯ Палавонов А. М. зимни иҷрои кори таҳқиқотӣ ба даст овардааст, дар хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳо, инчунин хулосаҳои ҳар боби рисола дар алоҳидагӣ ҷамъбаст карда шудаанд. Онҳо тасдиқгари фарзияи таҳқиқот буда, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшударо исбот мекунанд.

Адабиёт ва сарчашмаҳои илмии дар раванди пажӯҳиш омӯхта ва баррасишуда, маълумоти барои таҳияи рисола ҷамъоваришуда ва матолиби дар диссертатсия мураттабу дарҷгардида баёнгари онанд, ки унвонҷӯ аз уҳдаи иҷрои ҳаҷми калони корҳои таҳқиқотӣ бахубӣ баромадааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои кори диссертатсионӣ, инчунин, дар мақолаҳои илмии таҳия ва нашркардаи унвонҷӯ, иштирок ва маърӯзаҳои ӯ дар конференсияҳои илмӣ, назариявӣ ва амалии сатҳҳои гуногун (вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ) таҷассум ёфтаанд.

**5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Натиҷаҳои асосии аз таҳқиқот бадастовардаи унвонҷӯ Палавонов А. М., ки дар навгониҳои илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи рисолаи илмӣ таҷассум ёфтаанд, аҳамияти илмӣ ва амалӣ доштани диссертатсияро тасдиқ мекунанд.

Унвонҷӯ масъалаи баланд бардоштани самаранокии тадриси фанни «Таърихи халқи тоҷик»-ро дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ дар робита ба истифодаи босамари технологияҳои инноватсионии таълимӣ ва воситаҳои муосири технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ мавриди пажӯҳиш қарор дода, манфиат ва бартарии татбиқи онҳоро дар низоми таҳсилот илман асоснок ва амалан исбот кардааст.

Диссертатсия шарҳу тафсири шумораи зиёди технологияҳои инноватсионии таълимиро фаро мегирад, ки роҳандозии онҳо дар раванди дарсҳо аз фанни «Таърихи халқи тоҷик» низ имконпазир ва самарабахшанд. Татбиқи амалии чанде аз онҳоро унвонҷӯ ҳангоми гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ дар заминаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ (муассисаҳои мавриди пажӯҳиш) таъмин намудааст.

Дар асоси коркард ва таҳлили натиҷаҳои аз корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастомада унвонҷӯ самаранокии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълимиро дар дарсҳои «Таърихи халқи тоҷик» ҳамчун воситаи афзояндаи дараҷаи фаъолнокӣ ва дарсазхудкунии хонандагон исбот кардааст.

Баррасии усул ва технологияҳои гуногуни инноватсионии таълимӣ ва тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо дар раванди таълими фанни «Таърихи халқи тоҷик» дорои аҳамияти назарраси амалӣ буда, ба инобат гирифтан ва татбиқ кардани дурусти онҳо аз ҷониби омӯзгорони ин фан бечунуаро метавонад боиси баландбардории самаранокии таълими он гарданд. Бо пешниҳоди унвонҷӯ дар ин маврид метавон розӣ буд, ки он бад-ин мазмун ироа шудааст: аз ҷониби Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиалҳои он барои омӯзгорони фанни «Таърихи халқи тоҷик»-и муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ курсҳои омӯзишӣ оид ба шиносоӣ бо технологияҳои муосири инноватсионӣ ва татбиқи амалии онҳо дар ҷараёни таълим пайваста ташкил карда шавад.

**6. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Унвонҷӯ Палавонов А. М. натиҷаҳои асосии кори таҳқиқотиашро дар 32 интишорот, аз ҷумла, 5 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20 мақолаи дар маҷаллаҳои дигар, 4 мақола дар маҷмӯаи маводҳои конференсияҳои гуногун ва 3 дастури таълимӣ-методӣ ба табъ расонидааст, ки мазмуну мундариҷаи асосии рисолаи илмӣ, натиҷаҳои аз таҳқиқот бадастомада ва хулосаю тавсияҳои ӯро инъикос мекунанд.

**7. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Таълифи диссертатсия ва автореферати он бо дарназардошти талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ба роҳ монда шудааст.

Автореферати диссертатсия ифодагари фишурдаи мазмун ва мундариҷаи диссертатсия буда, фарогири моҳияти таҳқиқоти баанҷомрасонида ва натиҷаҳои бадастовардаи унвонҷӯ аст.

Эътимоднокии навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи унвонҷӯ, хулоса ва тавсияҳои пешниҳодкардаи ӯ аз ҷиҳати илмию методӣ асоснок карда шудаанд.

Рисола ба забони сода ва равони илмӣ навишта шуда, дар он пайдарпайии мантиқии бобу фаслҳо риоя ва робитаи байниҳамдигарии онҳо таъмин карда шудаанд.

**8. Камбудиҳои диссертатсия ва эродҳо нисбати онҳо.** Новобаста аз комёбиҳои назарраси назариявию амалии дарҷгардида, ки онҳоро унвонҷӯ зимни гузаронидани таҳқиқот ба даст овардааст, дар диссертатсия ва автореферати он камбудӣ ва норасоиҳое низ ба чашм мерасанд, ки баррасии чанде аз онҳо барои ислоҳу тавзеҳ дар мавриди таҳриру такмили рисолаи илмӣ ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани мазмун ва сатҳу сифати диссертатсия аз манфиат орӣ нахоҳад буд. Чунончи:

1. Новобаста аз оне, ки рисолаи илмӣ ба истифодаи технологияҳои инноватсионии таълимӣ ва воситаҳои муосири технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ бахшида шудааст, дар он баъзе воситаҳои аллакай аз истифода баромада низ ҳамоно ҳамчун воситаҳои муосири технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди таълим муаррифӣ шудаанд, масалан, графопроектор, дискета, модем, плёнкаи шаффоф.

2. Дар матни диссертатсия (саҳ. 148, абзатси 2-юм) «нишондиҳандаҳои паст дар малакаҳои нокифояи ташаккулёфтаи хонандагон» дарҷ гардида, баъзе сабабҳои «эҳтимолӣ» нисбат ба онҳо оварда шудаанд. Аммо равшан нест, ки

чунин нишондиҳандаҳоро унвонҷӯ аз куҷо (кадом сарчашмаи илмӣ) ва ё чӣ гуна (дар асоси кадом таҳқиқот) ба даст овардааст? Дар ҳаминҷо, инчунин «Маълумоти оморӣ нишон медиҳад, ки ...» гуфта шудааст, аммо аён нест, ки гап сари кадом маълумоти оморӣ меравад?

3. Ҳангоми истифода аз усулҳои аёнисозии додаҳо ва натиҷаҳои аз таҳқиқот бадастомада, ки аслан дар намуди диаграммаҳо тасвир ёфтаанд, баъзе нуқсонҳои ороиши тавсифи техникидошта низ ба назар мерасанд.

4. Вобаста ба мавзуи таҳқиқот дар матни диссертатсия як қатор истилоҳҳое низ вомехӯранд, ки аз рӯйи навишт ва ё талаффузашон дар забонҳои русӣ ва ё англисӣ мувофиқат мекунанд, масалан, браузер, институт, модел, оптимизатсия, презентатсия, семестр, система ва ғайра. Албатта, истифодаи онҳо дар чунин шакли навишт ҳам ҷоиз ва қобили қабул аст, аммо беҳтар мебуд, агар ҷойгизуни онҳо ба забони тоҷикӣ истифода мешуданд. Зеро, истилоҳҳои номбаршуда ба забони тоҷикӣ тарҷума шудаанд ва мавриди истифода низ қарор доранд.

5. Дар баъзе саҳифаҳои матни диссертатсия ва автореферати он, инчунин рӯйхати адабиёти истифодашуда ҷо-ҷо хатоҳои имлоию услубӣ ва камбудиҳои ороишӣ низ ба назар мерасанд. Якчанд ҷумлаҳое низ вомехӯранд, ки навишташон нисбатан мураккабтар (дарозтар) аст.

Камбудӣ ва эродҳои мазкур бештар хусусияти техникию тавсиявӣ дошта, арзиш ва дараҷаи мубрамияти мавзуъ, навгониҳои илмӣ, натиҷаҳои бадастомада ва аҳамияти назариявию амалии таҳқиқотро паст намекунанд.

**Хулоса**

1. Диссертатсияи Палавонов Амоншо Муминович дар мавзуи «Баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ» кори таҳқиқотии анҷомёфта ба ҳисоб меравад. Он дорои хусусияти мустақилӣ ва мукаммалӣ буда, дар сатҳи хуби илмӣ таҳия шудааст.

2. Унвонҷӯ ба мақсади дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда ноил гардида, вазифаҳои таҳқиқотиро ҳаллу фасл ва фарзияи таҳқиқотро исбот кардааст.

3. Интишороти унвонҷӯ ва автореферати диссертатсия мазмуну мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

4. Аз ҷиҳати мазмун ва мундариҷа диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мувофиқат мекунад.

5. Диссертатсияи Палавонов Амоншо Муминович дар мавзуи «Баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ», ки барои ҳимоя ҷиҳати дарёфт кардани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ пешниҳод карда шудааст, ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Палавонов Амоншо Муминович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) арзанда аст.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои педагогӣ,
муаллими калони кафедраи барномасозӣ
ва муҳандисии компютерии
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

**НАЗАРЗОДА**
**Рустам Саидмурод**

*шаҳри Душанбе,*
*25-уми январи соли 2024*

**Маълумот барои тамос:**
Нишонӣ: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Неъмат Қарабоев, 63/3.
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон,
факултети технологияҳои иттилоотӣ ва интеллекти сунъӣ,
кафедраи барномасозӣ ва муҳандисии барномавӣ (8/209)
Почтаи электронӣ: Rustam_N@hotmail.com

*«Имзои Назарзода Р. С. -ро тасдиқ мекунам».*

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Бухориев Н. А.

ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН * ТЕХНОЛОГИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ ТАДЖИКИСТАНА * ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ